**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 – Таърихи ватан**

Нақлиёт ҳамчун инфрасохтори истеҳсолӣ яке аз унсури асосии пешрафти ҳаёти иқтисодию иҷтимӣ ва фарҳангӣ дар ҳар мамлакат ба ҳисоб меравад. Маҳз тавассути шабакаи роҳҳо робитаҳои байни минтақаҳо густариш ёфта, гардиши молу маҳсулот, ҳаракати аҳолӣ ва рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт таъмин карда мешавад. Дар сурати набудани роҳҳои мувофиқ ва системаи самараноки нақлиётӣ, рушди иқтисодӣ суст гардида, имкониятҳои ҳамгироии иҷтимоӣ ва пешрафти минтақаҳо маҳдуд мешаванд. Аз ин рӯ, нақлиёт ҳамчун яке аз омили муҳимми таҳкими давлатдорӣ ва пешрафти ҷомеа арзёбӣ мегардад. Муҳимияти диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи “Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)” дар он аст, ки ба таҳқиқи ҳамин масъалаҳо бахшида шудааст.

Дар автореферати диссертатсия қайд карда мешавад, ки пайдошавии роҳҳои нақлиётӣ дар Тоҷикистон ба давраи барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ бо хусусиятҳои хоси кишвар, аз ҷумла мавҷудияти минтақаҳои баландкӯҳ, ағбаҳои душворгузар, водиҳои ҷудогона ва шароити мураккаби иқлимӣ алоқаманд аст. Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ масъалаи рушди мустақилонаи системаи нақлиёт аҳаммияти сифатан нав пайдо кард. Дар натиҷа, нақлиёт ҳамчун инфрасохтори истеҳсолӣ на танҳо воситаи алоқа, балки яке аз унсурҳои муҳими амнияти миллӣ ва устувории иқтисодӣ гардид.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия қайд менамояд, ки бе омӯзиши амиқи таърихи рушди нақлиёт фаҳмидани равандҳои умумии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон имконнопазир аст. Ин нуқта хеле муҳим аст, зеро нақлиёт ҳамчун системаи инфрасохторӣ на танҳо натиҷаи сиёсати иқтисодӣ, балки инъикоси сатҳи рушди умумии давлат мебошад.

Дар автореферати дисссертатсия заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба таври возеҳ нишон дода шуда, дар асоси манбаҳои бойгонӣ, адабиёти илмӣ, асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, сатҳи омӯзиши мавзуъ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Аҳаммияти назариявии таҳқиқотро ба таври равшан нишон дода, таъкид мегардад, ки таҳқиқот ба рушди илми таърихи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ саҳм мегузорад ва имконият фароҳам меорад, ки модели таҳлили инфрасохтори нақлиётӣ такмил дода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи

наклиёт, банакшагирии инфрасохтор, татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ ва омодасозии кадрҳои касбӣ истифода шаванд.

Диссертант дар тахқиқот бо истифода аз сарчашмаҳои бойгонӣ, омори давлатӣ ва адабиёти илмӣ рушди соҳаи наклиётро дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ таҳлил намудааст. Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки муаллиф дар тамоми бобҳо далелҳои оморӣ, мисолҳои мушаххаси таърихӣ ва рақамҳои дақикро мувофиқан ба талаботи таҳқиқоти диссертатсионӣ мақсаднок истифода кардааст Чунин муносибати ҷустуҷӯйкоронаи диссертант арзиши илмии таҳқиқкоронаи диссертатсияи илмиро хеле баланд бардоштааст.

Автореферати диссертатсия нишлн медиҳад, ки диссертант дар таҳқиқоти кори дисссертатсионӣ дар асоси маълумоти таърихӣ методҳои таърихӣ, муқоисавӣ ва таҳлили системавиро хеле мувофиқи мақсад истифода карда, рушди инфрасохтори наклиётиро дар робита бо вазъи сиёсӣ ва иқтисодии давраҳои гуногун таҳлил намудааст. Ин ба муаллиф имкон додааст, ки нақши муҳим бозидани инфрасохтори наклиётиро барои рушди робитаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат нишон диҳад.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия таҷдиду навсозии роҳҳои наклиётиро дар солҳои мустақилият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, нақши онҳоро дар рушди интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ ва молҳои саноатӣ қайд мекунад. Ин раванд ба густариши савдои дохилӣ, тақвияти мубодилаи байни минтақаҳо ва рушди бозори дохилии ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Диссертант дар автореферати диссертатсия нақши муҳими рушди роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва роҳҳои ҳавоиро барои муттаҳидсозии иқтисодии минтақаҳо, суръат бахшидани гардиши молу хизматрасонӣ ва таҳкими равандҳои урбанизатсия дар Тоҷикистон, инчунин омили муҳими рушди саноат, кишоварзӣ ва робитаҳои иқтисодӣ гардидани онҳоро таъкид мекунад.

Дар автореферати диссертатси рушди авиатсия ва наклиёти роҳи оҳан дар солҳои баъдиҷангӣ қайд мегардад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки онҳо дар баробари ҳалли талаботҳои кашонидани одамон ҳамчун мусофир барои рушди саноат, кишоварзӣ ва муттаҳид гардидани иқтисоди ҷумҳурӣ нақши калон бозидаанд.

Диссертант дар автореферати диссертатсия ба раванди таҳаввул ва рушди соҳаҳои наклиёт дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон диққати махсус додааст. Қай мегардад, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон баъди пош хӯрдани Иттифоқи Шуравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ иқтисодиёти мамлакат ба бухрони шадид рӯ ба рӯ гардид ва ин ҳолат ба тамоми соҳаҳои наклиёт таъсири манфӣ расонид. Бо вуҷуди душвориҳои давраи гузариш раванди баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва дар навбати аввал аз бунбасти наклиётӣ, таҷдиди роҳҳои автомобилгард, рушди

роҳи оҳан ва авиатсияи гражданӣ яке аз масъалаҳои муҳими таъмини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат буданд.

Дар солҳои аввали истиқлолият вазъи роҳҳо бисёр душвор буд. Бинобар ин таъмини фаъолияти дурусти роҳҳои намудҳои нақлиёти дар мамлакат амалкунанда барои барқарорсозии робитаҳои дохилии ҷумҳурӣ, ки бисёре аз минтақаҳои кишвар дар солҳои аввали истиқлолият бо марказ ва умуман байни ҳамдигар муносибатҳои доимии нақлиётӣ-иқтисодӣ надоштанд ва ҳам барои баромадан ба беруни мамлакат аҳаммияти калон доранд.

Автореферати диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи “Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)” шаҳодат медиҳад, ки диссертант кори таҳқиқоти илмии мустақилона баанҷомрасонидаашро пешниҳод менамояд, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи докторӣ ҷавобгӯй аст ва муаллифи вай барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 – Таърихи ватан сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ**
**ва байналмилалии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

**Суроға: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев, 63/3**
**Тел: 2340907, E-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфӣ-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва назорати Донишгоҳи технологии**
**Тоҷикистон** **Абдуназаров А.Ч**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН
ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА
РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА И КОНТРОЛЯ

02.06.26с.